# ПРОТОКОЛИ
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-092-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз “11” декабри соли 2025.** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ 16 нафар,
аз рӯйи ихтисос – 5 нафар

11-уми декабри соли 2025, соати 14:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 18:20

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н.С.
**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.

**Раис:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқгардидаст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 16 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа руйи ихтисоси 09.00.03 –Таърихи фалсафа

Диссертатсия дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмӣ**: Диноршоева Зарина Мусоевна – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

**Муқарризони расмӣ:**

**Ибодов Маҳмадулло Орипович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ;

**Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

**Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. Раиси шуро: доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н.С.
2. Котиби илмии шуро: номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.
3. Унвонҷӯ: Субҳонзода Салоҳиддин Икром

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои фалсафа Саидов А.С., Умедов М.Ҳ., Аҳмадов С., Маҳмадова М.Ф., Мирзоев Ғ.Ҷ., Муминов А.И., Маҳмадҷонова М.Т., Содиқӣ Н.Н. ва Нурулҳақ Қ. ҷавоб дод.

Баромади мушовири илмии унвонҷӯ – Диноршоева Зарина Мусоевна – доктори илмҳои фалсафа, профессор шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Ибодов Маҳмадулло Орипович
2. Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич
3. Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1.Саидов А.С

2. Содиқӣ Н.Н

3. Зиёев И.Ғ

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Маҳмадҷонова М.Т., Назариев Р.З. ва Муминов А. интихоб гардиданд.

Аз 16 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 16 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – 1.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Субҳонзода Салоҳиддин Икром додани дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа қабул гардид.

# ҚАРОРИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-092-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 11 декабри соли 2025 ш. Душанбе

Суханронии Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, суханронии муқарризони расмӣ: **Ибодов Маҳмадулло Орипович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А.Рудакӣ, **Зоҳидов Очил Ҳоҷибоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, **Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович** - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, муқарризони ғайрирасмӣ: Саидов А.С, Содиқӣ Н.Н, Зиёев И.Ғ-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертантро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Субҳонзода Салоҳиддин Икром дар мавзуи «Ташаккул ва таҳаввули тасвири илмии олам дар афкори фалсафии гузашта» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.
3. Ба Субҳонзода Салоҳиддин Икром дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа дода шавад;
4. Барои додани дипломи доктори илмҳои фалсафа ба Субҳонзода Салоҳиддин Икром аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад;

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент Ҳаитов Ф.Қ.